Таҳлили омории пешниҳодҳо бо истифода аз барномаҳои IBM SPSS Statistics 26.0 (IBM, ИМА) ва Statistica 10.0 (StatSoft Inc., ИМА) дар компютер анҷом дода шуд. Параметрҳои миқдори бо шакли M±m ва параметрҳои сифатӣ бо шакли фоиз ё ҳисса нишон дода шуданд. Барои муқоисаи намунаҳои ҷуфтшудаи вобаста аз якдигар усули Вилкоксон истифода шуд. Дар муқоисаҳои ҷуфтӣ барои ҷадвалҳои 2х2 усули хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс татбиқ гардид. Барои муайян кардани омилҳои таъсиркунанда таҳлил бо истифода аз хавфи нисбӣ (RR) ва интервали эътимоднокии 95% гузаронида шуд. Таҳлили коррелятсионӣ бо истифода аз коэффициенти Пирсон анҷом дода шуд. Форзияи сифрӣ дар сатҳи аҳамият а=0,05 рад карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот

Дар доираи таҳқиқот таҳлили муқоисавии хусусиятҳои клиникӣ-иҷтимоӣ ва анамнестикии беморон бо преэклампсияи вазнин бо дарназардошти мӯҳлати пайдоиши беморӣ гузаронида шуд. Заноне, ки бо преэклампсияи ҳар мӯҳлат дучор шуданд, бештар дар зергурӯҳи синнТУСлии 18–25 сола вохӯрдаанд (мутаносибан 41,6%, 45,6%, 48,5%). Шаҳрнишинон (15-6,3±1,6%) 15 маротиба камтар буданд, ки ин фарқият аз ҷиҳати омори аҳамиятнок аст (t=38,6; p<0,001) ва нисбат ба теъдоди аҳолии деҳот (225 – 87,7%) фарқ мекунад. Дар таҳлили сатҳи таҳсилоти популясияи таҳқиқшуда муайян гардид, ки беморон бо таҳсилоти миёна ва миёнаи касбӣ бар занони бо таҳсилоти олӣ бартарӣ доранд (93,8±1,6% баробар ба 6,3±1,6%, t=39,7; p<0,001). Ҷолиб аст, ки тақсимоти таҳсилот вобаста ба вақти пайдоиши преэклампсия тағйир намекунад (p>0,05), ки нишон медиҳад, ки сатҳи таҳсилоти паст дар ҳамаи гурӯҳҳои таҳқиқшуда маъмул аст. Фарқияти омори дар теъдоди занони хонашин (82,5±2,5%) нисбат ба занони коркунанда (17,5±2,5%) муайян шуд (t=18,4; p<0,001). Сатҳи маҳдуди таҳсилот ва набудани имкони муошират дар муҳити иҷтимоӣ нишонаи сатҳи пасти иҷтимоӣ буда, ба раванди номТУСиди ҳомиладорӣ мТУСидат мекунад.

Дар ҳамаи гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда бемориҳои экстрагениталӣ бештар зуҳуркунанда дар собиқаи бемори БШРН такрорӣ ва гипертензияи музмин буданд. Фарқияти омори байни гурӯҳҳо дар басомади БШРН байни гурӯҳҳои 1 ва 2 (хи-квадрат=14,480; p<0,001) ва гурӯҳҳои 2 ва 3 (хи-квадрат=13,965; p<0,001) ошкор гардид. Дар беморони бо преэклампсияи вазнин ва ҳолатҳои танзимнашаванда басомади ҳолатҳои норасогии йод ба таври омори зиёдтар буд (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=67,222;

p<0,001). Муносибати нисбатан қавӣ ва баръакс байни паритет ва вазни мушаххаси занони бо преэклампсия (коэффитсиенти Пирсон=0,460) муайян карда шуд. Ин метавонад бо омилҳои хавфи ташаккули преэклампсия – синни ҷавони ҳомиладор алоқаманд бошад. Дар беморони бо преэклампсияи барвақт анамнези аворизноки акушери ва бемориҳои экстрагениталӣ (БШРН, пиелонефрити музмин, норасогии йод ва гипертензияи музмин) якҷоя ба таври зиёд мушоҳида шуданд.


Таблица 1. – Басомади бемориҳои экстрагениталӣ вобаста ба вақти оғози преэклампсияи вазнин

гурӯҳ / нозология	1 (n=60)	2(n=101)	3(n=79)	p
БШРН	37-61,7%	89-88,1%	45-57%	p1-p2 <0,001 p1-p3 > 0,05 p2-p3 <0,001
Бемориҳои гурдаҳо	26 -43,3%	53-52,4%	43-54,4%	p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05
анемия	3-5%	9-8,9%	4-5,1%	p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05
Гипертензияи музмин	3-5%	2-1,9%	3-3,8%	p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05
Бемориҳои узвҳои ҳозима	2-3,3%	4-3,9%	1-1,3%	p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05
Норасогии йод	1-1,7%	8-7,9%	8-10,1%	p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05

Эзоҳ: p1-p2 <0,05 - фарқияти статистикии муҳим байни гурӯҳи 1 ва гурӯҳи 2; p1-p3 <0,05 - фарқияти статистикии муҳим байни гурӯҳи 1 ва гурӯҳи 3; p2-p3 <0,05 - фарқияти статистикии муҳим байни гурӯҳи 2 ва гурӯҳи 3 ҳангоми муқоиса бо тест хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс.

Таҳлили ҳолатҳои критикии преэклампсияи вазнин нишон дод, ки онҳо асосан дар бемороне, ки беморӣ барвақт зоҳир кардааст, рушд мекунанд. Дар сохтори ҳолатҳои ҷонхатар эклампсия бартари дошт, ки дар 17 зан (26,6%) ташхиси шудааст. Алоими HELLP дар 12 бемор (20%) ба қайд гирифта шуд, синдроми ELLP - дар 7 (11,6%), варами шӯшҳо дар 6 ҳолат (10%) пайдо шуд, норасогии фаъолияти кори гурдаҳо - дар 5 (8,3%), норасогии фаъолияти кори ҷигар - дар 3 (1,6%), алоими паҳншудаи лахташавии дохилирагӣ ҷараёни бемориро дар 2

зан (3,3%) авориз гардонд. ПҶҲДҶ – дар 6 (10%), гипертензияи идоранашаванда – дар 2 (3,3%) – расми 1.



Расми 1. – Вазни нисбии аворизҳои преэклампсияи вазнин дар занони гурӯҳҳои таҳқиқшуда

Дар преэклампсияи вазнин таҳлили ултрасадоӣ яке аз усулҳои ҳатмии ташхисӣ мебошад. Вазни нисбии занони бо преэклампсияи мӯҳлати дер ва нишондиҳандаҳои муқаррарии допплерометрӣ 16 маротиба бештар аз занони бо преэклампсияи барвақт буд.


Ҷадвали 2. - Тақсимоти беморон вобаста ба дараҷаи барҳалои вайроншавии гардиши хун дар аъзои бачадон-ҳамроҳак-тифл

Гуруҳҳо / Дараҷаи вайроншави	1(n=35)	2(n=85)	3(n=33)	p
компенсатсияшуда	1(2,9%)	18(21,2%)	8(24,2%)	**p1-p2 < 0,05 p1-p3 < 0,05 p2-p3 > 0,05**
субкомпенсатсияшуда	28(80%)	61(71,8%)	25(75,8%)	**p1-p2 > 0,05 p1-p3 > 0,05 p2-p3 > 0,05**
декомпенсатсияшуда	4(11,4%)	6(7,1%)	0	**p1-p2 > 0,05**
Фавти антенаталии тифл	2(5,7%)	0	0	

Эзоҳ: p1-p2 <0,05 — фарқияти омори байни гурӯҳи 1 ва гурӯҳи 2; p1-p3 <0,05 — фарқияти омори байни гурӯҳи 1 ва гурӯҳи 3; p2-p3 <0,05 — фарқияти омори байни гурӯҳи 2 ва гурӯҳи 3 ҳангоми муқоиса бо истифода аз озмоиши хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс.


Муайян карда шуд, ки байни преэклампсияи барвақт ва шаклҳои компенсатсияшудаи норасоии платсентарӣ робитаи манфии қавӣ вуҷуд дорад (коэффитсиенти Пирсон 0,520). Басомади вайроншавии субкомпенсатсияшудаи гардиши хун дар доираи 71,8%-80% тағйир ёфта, фарқиятҳои омори байни гурӯҳҳо вуҷуд надоштанд.

Дар преэклампсияи вазнин таҳқиқоти ультрасадоӣ яке аз усулҳои ҳатмии таҳқиқот мебошад. Таҳқиқоти ультрасадоӣ, аз ҷумла допплерометрия ва фетометрия, ба 153 зан гузаронида шуд, ки аз онҳо 35 зан бо преэклампсияи барвақт, 85 зан бо преэклампсияи дер ва 33 зан бо преэклампсияи муҳлати расида. Аз миқдори 153 зани таҳқиқшуда бо преэклампсияи вазнин параметрҳои муқаррарии допплерометрия дар 28 (18,3%) ҳолат муқаррар карда шуданд. Тақсими занон бо нишондиҳандаҳои муқаррарии допплерометрия вобаста ба вақти оғози преэклампсия дар расми 2 нишон дода шудааст.




Расми 2. – Вазни хоси занон бо нишондиҳандаҳои муқаррарии допплерометрия вобаста ба давраи оғози преэклампсия

Нишондиҳандаҳои муқаррарии допплерометрия дар 1 (3,6%) ҳолати преэклампсияҳои барвақт, дар 16 (57,1%) ҳолати преэклампсияи давраи дер ва дар 11 (39,3%) ҳолати преэклампсияи муҳлати расида ташхис карда шуданд. Вазни хоси занон бо преэклампсияи вазнини дер ва нишондиҳандаҳои муқаррарии допплерометрия 16 маротиба бештар аз занони бо преэклампсияи барвақт буд.



Расми 3. – Шумораи занон бо гардиши хуни муқаррарӣ ва вайроншавиҳои гардиши хун дар гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда


Хавфи нисбии рушди ССИДБТ (синдроми сустинкишофебии дохили батнии тифл) таҳти таъсири омил «преэклампсияи барвақт» 1,212 (ДИ 0,510-2,881) буд. Дар байни занони бо преэклампсияи барвақт 2 ҳолати фавти антенаталии ҳомила муайян гардид. Натиҷаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки таъсири аз ҳама номусоиди шароити рушди перинаталӣ преэклампсияи давраи барвақт таъсир мерасонад.



Расми 4. – Басомади якҷояшавии ССИДБТ бо камобӣ дар гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда

Дар занони бо преэклампсияи барвақт басомади ҷарроҳии буриши қайсари 3 маротиба аз занони бо преэклампсияи дер дар муҳлати расида бештар буд, ки ин фарқият аз ҷиҳати омори аҳамиятнок аст (p<0,001) ва нисбат ба занони бо преэклампсияи дер (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=92,762) ва преэклампсияи мӯҳлати расида (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=69,329) болотар мебошад. Муносибати баръакс ва қавӣ байни басомади буриши қайсари ва вақти оғози преэклампсия муайян карда шуд (коэффитсиенти Пирсон 0,865). Ҳамчунин робитаи нисбатан қавӣ байни басомади буриши қайсари бо сабаби аломатҳои хатарноки преэклампсия ва омил «преэклампсияи барвақт» ошкор гардид (коэффитсиенти Пирсон=0,409).

Амалиёти чаррохии буриши қайсарии дар 66 (20,8%) зани таҳқиқшуда анҷом дода шуд. Таваллуди бо рохи табиӣ чинси дар 9(3,8%), таваллуди нақшавӣ бо роҳи барангезиш - дар 165 (68,8%) зан рух дод. Нишондиҳандаҳои амалиёти чаррхии буриши қайсарии аворизҳои преэклампсияи вазнин буданд: эклампсия дар 11 (16,7%), гипертензияи бадсифат – дар 15(22,7%), алоими HELLP – дар 14 (21,2%) ҳолат, носогии фаъолияти кори гурдахо – дар 4 (6,1%) ҳолат, варами шӯшхо дар 7 (10,6%), ПЧХДЧ – дар 8(12,1%) ҳолат. Дар ҳолатҳои амалиёти чаррохии буриши қайсарии пас аз оғози барангезиши валодат ба амал омад дар натиҷаи: набудани натича аз барангезиши валодат 2(3%), дистресси тифл дар 2 (3%) ҳолат, дар натиҷаи фазаи фаъоли тулкашида – дар 2 (3%) ҳолат, таваллуди обструктиви – дар 1 (1,5%) ҳолат. (расми 5).



Расми 5. – Басомади нишондиҳандаҳои амалиёти чаррохии буриши қайсарии дар гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда

Вазъияти басомади амалиёти чаррохии буриши қайсари аз вақти оғози преэклампсия дар расм нишон дода шудааст.



Расми 6. - Вазъияти басомади амалиёти чарохии буриши қайсари аз вақти оғози преэклампсия

Басомади хунравии акушерӣ дар гурӯҳи аввал бо гурӯҳи дувум (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=10,983; p<0,001) ва сеюм (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=7,692; p<0,05) фарқияти омори дошт. Ҳангоми муқоисаи басомади хунравии акушерӣ, ки бо ҚҶҲДҶ (қисман ҷудошавии ҳамроҳаки дурустҷойгиршуда) алоқаманд аст, дар гурӯҳи преэклампсияи барвақт (11,7%) нисбат ба гурӯҳи преэклампсияи дер (0,99%) афзоиши омори аҳамиятнок мушоҳида шуд (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=6,966; p<0,05). Фарқияти омори дар басомади хунравии гипотоникии баъди таваллуд байни гурӯҳҳои занони бо мӯҳлатҳои гуногуни преэклампсия муайян нашуд (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=2,285; p>0,05). Дар давраи баъди таваллуд як зан бо преэклампсияи барвақт бо аворизи септикӣ (илтиҳоби захм пас аз ҷарроҳии буриши қайсари) дучор гардид.

Басомади навзодони бо ССИДБТ таваллудшуда дар гурӯҳи занони бо преэклампсияи барвақт 38,3% (23 навзод), дар гурӯҳи занони бо преэклампсияи дер 19,8% (20 навзод) ва дар гурӯҳи занони бо преэклампсияи мӯҳлати расида 8,9% (7 навзод) буд. Бо усули ултрасадоӣ ҳангоми ҳомиладорӣ дар занони бо преэклампсияи барвақт 9 ҳолати СЗРП аз 35 ташхиси ултрасадоӣ муайян шуд (25,7%). Басомади СЗРП дар гурӯҳи 1 нисбат ба гурӯҳҳои 2 (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=5,691; p<0,05) ва 3 (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=15,804; p<0,001) омори зиёд буд.

Таҳлили сохтори бемориҳои неонаталии барвақт нишон дод, ки норасоии нафаскашӣ бештар аст ва басомади он аз 7,6% то 27,6% тағйир меёбад. Басомади ихтилоли нафаскашӣ дар навзодони гурӯҳҳои 1 ва 2 нисбат ба гурӯҳи 3 афзоиш ёфтааст (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=7,934; p<0,001). Дар ҳолатҳои гуногуни асфиксия 9 навзод аз модарони бо преэклампсияи барвақт, 2 навзод бо преэклампсияи дер ва 1 навзод бо преэклампсияи мӯҳлати расмда таваллуд шуданд. Муносибати миёнаи баръакс байни омилҳои вақти оғози преэклампсия ва басомади асфиксияи навзодон муайян шуд (коэффитсиенти Пирсон=0,342). Басомади захмҳои мағзи сар дар навзодони модарони бо преэклампсияи барвақт нисбат ба гурӯҳҳои дер ва мӯҳлати расида статистикӣ зиёд буд (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=7,774; 13,237; p<0,05, p<0,001).

Фарқияти омори дар нишондиҳандаҳои фавти антенталӣ ва интранаталӣ байни гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда муайян нашуд (p>0,05). Басомади ФБН (фавти бармаҳали неонаталӣ) дар гурӯҳи занони бо преэклампсияи барвақт нисбат ба гурӯҳи занони бо преэклампсияи дер фарқияти омори зиёд буд (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=10,391; p<0,05).

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки интихоби усули таваллуди занони бо преэклампсияи барвақт бояд бо баҳогузории дақиқи ҳолати зан ва бо назардошти муносибатҳои инфиродӣ сурат гирад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти минбаъдаи мо ба муқоисаи самаранокии усулҳои гуногуни дорувории индуксияи таваллуд дар занони бо преэклампсияи дер ва мӯҳлати расида бахшида шуд.

Нишон дода шуд, ки дар гурӯҳи заноне, ки мизопростол истифода карданд, давомнокии аз оғози индуксия то оғози таваллуд бештар буд, дар ҳоле ки дар гурӯҳи заноне, ки индуксия бо окситотсин гузаронида шуд, кӯтоҳтарин буд. Тақсимоти занони таҳқиқшуда вобаста ба дараҷаи тайёршавии гарданаки бачадон нишон дод, ки фарқияти омори дар басомади занони бо хусусиятҳои гуногуни бандари бачадон (баҳо додашуда бо шкалаи тағйирёфтаи Бишоп) мавҷуд аст: дар гурӯҳҳои мизопростол ва динопростол занони бо гарданаки нотайёр бештар буданд. Дар гурӯҳи заноне, ки индуксияи таваллуд бо окситоцин гузаронида шуд, занон бандари нопухта (91%) ва нисбатан пухта (9,9%) доштанд. Таҳлили параметрҳои замонӣ нишон дод, ки нишондиҳандаи таҳқиқшуда дар гурӯҳҳои М ва Д нисбат ба гурӯҳи О ба таври омори зиёдтар аст (p<0,001). Дар гурӯҳи

бо истифодаи динопростон фарқияти омори дар кам кардани миёнаи фосила аз оғози индуксия то пайдоиши дардзанӣ (t=2,2; p<0,05) мушоҳида шуд, ки 2 соат кӯтоҳтар нисбат ба гурӯҳи М буд. Набудани фарқият дар басомади гарданаки нотайёр дар гурӯҳҳои Д ва М ва кӯтоҳ шудани вақти аз оғози индуксия то оғози таваллуд бо динопростон самаранокии баландтарро барои истифодаи аналоги простагландин Е2 дар занони бо преэклампсияи дер ва мӯҳлати расида тасдиқ мекунад.

Барои баҳогузории бехатарии индуксияи таваллуд бо гландин Е2 дар занони бо преэклампсияи дер мо муқоисаи нишондиҳандаҳои самаранокии индуксия (оғози дардзании мунтазам) вобаста ба ҳолати гарданаки бачадон гузаронидем. Дар беморони бо преэклампсияи дер баҳогузории 7 хол дар 30,8±7,4% ҳолатҳо (12 зан) ва 8 хол дар 69,2±7,4% ҳолатҳо (29 зан) қайд гардид. Дар гурӯҳи бо преэклампсияи мӯҳлати расида нишондиҳандаҳои монанд 35±10,7% (7 зан) ва 65±10,7% (13 зан) буданд. Тақсимоти занони бо преэклампсияи дер ва преэклампсияи мӯҳлати расида ва индуксияи таваллуд бо динопростон вобаста ба дараҷаи тайёршавии гарданаки бачадон фарқияти омори дар басомади занони бо гарданаки «нотайёр» ва «нисбатан нотайёр» надошт (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=1,077; p>0,05).

Ҷадвали 3. – Нишондиҳандаҳои самаранокии пешинадуксия ва индуксия бо истифодаи динопростон дар занони бо преэклампсияи мӯҳлати дер ва мӯҳлати расида.

зергуруҳ / нишондод	Д-1 (n=31) – занони бо преэклампсияи дер	Д-2 (n=20) – занони бо преэклампсияи мӯҳлати расида	U-критерий Манна-Уитни	P
Давомноки аз оғози индуксия то оғози тавал-луд (соат)	от 7,8 до 18,3	от 5,3 до 17,4	90,5	<0,05
Давомнокии таваллуд (соат)	от 4,8 до 16,2	от 5,4 до 17,4	193,5	>0,05

Эзоҳ: p – фарқияти омори аҳамиятнок аст (Қимати критикии U-меъёри Манн-Уитни барои ҳаҷми гурӯҳҳои муқоисашаванда 119 мебошад).

Таҳлили муқоисавии параметрҳои замонии индуксияи таваллуд нишон дод, ки дар занони бо преэклампсияи мӯҳлати дер интервали байни оғози истифодаи динопростон ва рушди фаъолияти таваллудӣ ба таври омори зиёдтар аст, дар муқоиса бо занони бо преэклампсияи мӯҳлати пурра. Бо вуҷуди ин, давомнокии умумии равандҳои таваллуд байни гурӯҳҳои таҳқиқшуда фарқияти назаррас надошт (ҷадвали 2).

Дар ҳолатҳои тайёр набудани гарданаки бачадон ва нисбатан нотайёр будани гарданаки бачадон истифодаи динопростон вақти байни оғози индуксия ва оғози дардзании мунтазамро ба ҳисоби миёна 3 соат нисбат ба мизопростол кӯтоҳ мекунад. Набудани фарқияти омори дар ҳиссаи заноне, ки пас аз истифодаи динопростон бо тайёр набудани гарданаки бачадон фаъолияти таваллудӣ оғоз ёфтааст, вобаста ба мӯҳлати таваллуд, бехатарии истифодаи динопростонро барои пешинадуксия ва индуксияи таваллуд дар занони бо преэклампсияи мӯҳлати дер тасдиқ мекунад.

Механизми амалии динопростон, ки аналогии синтетикии простагландин Е2 мебошад, бар асоси афзоиши консентратсияи ин модда дар ҳуҷайраҳои пардаҳои ҳомила дар минтақаи новаи дохилӣ ба мӯҳлати таваллуд аст. Препарат секретсияи коллагеназа, эластаза ва кислотаи гиалуронатро дар гарданаки бачадон стимул мекунад, ки ин ба пухтани он мТУСидат менамояд, ҳамзамон фаъолияти қувваҳои мушакӣ фаъол мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, ки истифодаи динопростон бо рушди тадриҷии фаъолияти таваллуд, ки бо раванди тайёршавии гарданаки бачадон ҳамоҳанг аст, тавсиф мешавад. Ин механизми махсусан муҳим дар пешинадуксия ва индуксияи таваллуд дар мӯҳлати ҳомиладории норасида мебошад, ки ниёз ба роҳбарии эҳтиётткоронаи таваллуд бо мақсади иҷозати таваллуди пешакӣ дорад ва омилест калидӣ барои оптимизатсияи нишондиҳандаҳои бемориҳои перинаталӣ ва фавти перинатали.

Таҳлили натиҷаҳои акушерӣ ва перинаталӣ вобаста ба усули индуксияи таваллуд нишон дод, ки дар гурӯҳе, ки индуксия бо динопростон гузаронида шуд, 5 (9,8%) таваллуд бо ҷарроҳии буриши қайсари анҷом ёфт, дар гурӯҳи мизопростол 6 (10,3%) ва дар гурӯҳи окситотсин 5 (7,0%) буд. Дар гурӯҳи занон бо индуксияи мизопростол як ҳолати хунравии марбут ба ПҶҲДҶ ташхис шудааст. Хунравии гипотоникии баъди таваллуд дар гурӯҳи М (2 ҳолат) ва гурӯҳи Д (1 ҳолат) мушоҳида шуд.

Вазниншавии преэклампсия пас аз таваллуд дар як зани гурӯҳи М қайд карда шуд. Хачми миенаи хунталафот дар таваллуд ва дар давоми 2 соати аввал пас аз таваллуд дар ҳама гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок фарқ надошт. Натиҷаҳои ба даст овардаамон нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои акушери ҳангоми истифодаи усулҳои барангезиши валодат бо дору аз ҷониби мо омӯхташуда фарқияти омории аҳамиятнок (p>0,05) надоранд.


Ҷадвали 4. – Басомади аворизҳо дар таваллуд, давраи пас аз таваллуд ва таваллуд бо роҳи ҷарроҳӣ дар гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда

гурӯҳ / нишондод	М (п=58)	Д (п=51)	О (п=71)	p
Сустии фаъолияти валодат	1(1,7%)	2(3,9%)	0	p>0,05
Дистресси тифл	1(1,7%)	2(3,9%)	5(7,04%)	p>0,05
Амалиети чаррохии буриши кайсари	6(10,3%)	4(7,8%)	5(7,04%)	p>0,05
Гиперстимулятсия	0	0	0	p>0,05
Хунравихо пас аз таваллуд	2(3,4%)	1(1,9%)	0	p>0,05
Вакуум-экстрактсияи тифл	2(3,4%)	2(3,9%)	6(8,6%)	p>0,05
Аворизхои преэклампсия	0	1(1,9%)	0	p>0,05
Хачми миенаи хунталафот дар таваллуд (мл)	319,6±34,5	287,7±17,6	292,6±43,8	p>0,05

Таҳлили муқоисавӣ фарқияти омори аҳамиятнок дар шумораи навзодони бо баҳогузории гуногуни баллӣ надошт (p>0,05). Дар гурӯҳҳои занони таҳқиқшуда ҳолатҳои фавти перинаталӣ сабт гардид: 2 ҳолати фавти интранаталӣ дар гурӯҳҳои М ва О ва 1 ҳолати марги барвақтии неонаталӣ дар гурӯҳи Д.

Аз ин рӯ, муносибатгардонии раванди таваллуди занони бо преэклампсияи вазнин ба беҳбудии сифати кӯмаки тиббӣ ба модарон ва кӯдакон мТУСидат менамояд, ки ин ҳоло самти афзалиятнок барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори ҳазорсола ба шумор меравад.

Алгоритми интихоби усули барангезиши валодат



Хулосаҳо

1. Омилҳое, ки ба рушди преэклампсияҳои вазнин дар ҳар мӯҳлат мусоидат мекунанд, инҳоянд: сатҳи пасти таҳсилот (93,8±1,6%; p<0,001), макони зисти деҳотӣ (93,8±1,6%; p<0,001), маҳдудияти муошират дар ҷомеа барои занони хонашин (82,5±2,5%; p<0,001) ва таваллуди аввал (r=0,460) [7-А].
2. Бемориҳои экстрагениталӣ, ки дар занони бо преэклампсияи вазнин бештар мушоҳида мешаванд, инҳоянд: сироятҳои шадиди роҳи нафас (БШРН) дар таърихи беморӣ (71,3%) ва бемориҳои гурда (51,7%). Дар занони бо оғози барвақт ва дермӯҳлати преэклампсия сатҳи сироятҳои БШРН ба таври омори баландтар аст, нисбат ба занони бо преэклампсияи мӯҳлати расида (хи-квадрат=13,965; p<0,001). Таъсири ҷамъшудаи аворизҳои гинекологӣ бо бемориҳои экстрагениталӣ ба рушди шаклҳои вазнини преэклампсия мТУСидат мекунад [7-А, 9-А].
3. Преэклампсияи барвақт таъсири манфи ба шароити рушди пренаталии ҳомила дорад, ки бо нисбатан кам шудани омори аворизёбии норасоии гемодинамикии ҳамроҳак тасдиқ мешавад (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=4,944; p<0,05), инчунин бо робитаи манфии нисбатан қавӣ (r=0,520) байни омилҳои хавф "преэклампсияи барвақт" ва шаклҳои компенсатории норасоии ҳамроҳаки. Хатари афзояндаи рушди синдроми сустинкишофёбии дохили батнии тифл (ССДБТ) дар мавриди преэклампсияи барвақт мушоҳида мешавад (RR=1,212; ИТ 1,110-2,881) [7-А, 9-А].
4. Натиҷаҳои перинаталӣ вобаста ба мӯҳлати преэклампсия фарқ мекунанд ва преэклампсияи барвақт саҳми асосиро дар нишондиҳандаҳои номатлуб дорад. Ин бо тағйироти омори аҳамиятнок дар зиёдшавии ССИДБТ (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=15,804; p<0,001), норасоии нафаскашӣ (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=7,934; p<0,001), осебҳои мағзи сар (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=13,237; p<0,001) дар навзодони модарон бо преэклампсияи барвақт нисбат ба гурӯҳҳои занони бо преэклампсияи дермӯҳлат, инчунин зиёдшавии зуддияти ФБН (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=10,391) тасдиқ мешавад. Робитаи манфӣ байни мӯҳлати преэклампсия ва зуддияти асфиксияи навзодон (коэффитсиенти Пирсон=-0,342) муайян шудааст [4-А].
5. Вобастагӣ байни натиҷаҳои акушерӣ ва мӯҳлати преэклампсияи вазнин бо зиёдшавии омори аҳамияти буриши қайсари (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=92,762; p<0,001) ва хунравии акушерӣ (хи-квадрат бо ислоҳи Йейтс=10,983) дар занони бо преэклампсияи барвақт (75,8%) нисбат ба преэклампсияи

дермӯҳлат (24,2%) собит мешавад. Робитаи манфии қавӣ байни зуддияти буриши қайсари (г=-0,865) ва робитаи нисбатан қавӣ (г=0,409) байни зуддияти аломатҳои хатарноки преэклампсия ва вақти оғози он муайян гардидааст [3-А].

6. Таҳлили муқоисавии самаранокии усулҳои гуногуни индуксияи таваллуд дар занони бо преэклампсияи дермӯҳлат ва мӯҳлати расида бо гарданаки бачадони нотайёр ё нокифоя тайёр нашуда нишон дод, ки истифодаи динопростон фосилаи "барангезиш-дардзани"-ро ба таври омори аҳамиятнок кӯтоҳ мекунад (13,9±0,2 соат баробар ба 16,9±1,3 соат бо мизопростол, $p<0,05$), ки афзалияти истифодаи аналогии простагландин Е2-ро тасдиқ мекунад. Бехатарии истифодаи динопростон барои барангезиши таваллуд дар мӯҳлатҳои норасиди ҳомиладори бо набудани фарқиятҳои назарраси омори дар зуддияти оғози фаъолияти таваллуд бо нопурра тайёр будани гарданаки бачадон вобаста ба мӯҳлати таваллуд тасдиқ мешавад (30,8±7,4% ва 35±10,7%) [1-А, 2-А, 8-А].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Занони гирифтори преэклампсияи вазнин дар давраи дер ва преэклампсияи мӯҳлати расида бояд пас аз расонидани ёрии фаврии акушерӣ таваллуд кунонида шавад.
2. Ҳангоми интихоби усули барангезиши валодат, ҳолати гарданаки бачадон бояд бо истифода аз ҷадвали тағйирёфтаи Бишоп (ҶТБ) арзёбӣ шуда, мавҷудияти муқоилиятҳо барои барангезиши муайян гардад.
3. Барангезиш таваллуд бояд пас аз гирифтани розигии ихтиёрии огоҳшудаи зан анҷом дода шавад.
4. Ҳангоми машварат бо занони гирифтори преэклампсияи дар мӯҳлати норасида ва мӯҳлати расида бо гарданаки бачадони тайёрнабуда (0-5 холл), бояд маълумот дар бораи самаранокӣ ва бехатарии истифодаи динопростон пешниҳод карда шавад. Дар ҳолати гарданаки бачадони тайёрнабуда (6-7 балл) машварат бояд дар бораи имконияти истифодаи мизопростол ва динопростон бо пешниҳоди маълумот дар бораи нуқсонҳо ва афзалиятҳои ҳар кадоми ин доруҳо сурат гирад. Интихоби ниҳой ба зан вобаста аст.
5. Ҳангоми интихоби усули барангезиши таваллуди пеш аз муҳлат дар занони бо преэклампсияи дар мӯҳлати норасид тавсия дода мешавад, ки механизмҳои амал, фосилаи вақти таъсирноки, муқоисаҳо ва имконияти омехтаи бо дигар усулҳоро ба назар гиранд.
6. Нигоҳдории доимӣ ва назорати қатъӣ барои заноне, ки барангезиши таваллуд бо окситотсин, мизопростол ё динопростон мегиранд, зарур аст.

Феҳристи адабиёти истифодашуда

1. Индукция родов: тенденции в мировой практике / С. А. Васильев, О. А. Пересада, И. В. Курлович // Медицинские новости. – 2021. – №. 5 (320). – С. 9-14.
2. Каптильный В. А. Преэклампсия: определение, новое в патогенезе, методические рекомендации, лечение и профилактика / В. А. Каптильный, Д. Ю. Рейштат // Архив акушерства и гинекологии им. В.Ф. Снегирева. – 2020. – Т. 7, № 1. – С. 19-30.
3. Клинические рекомендации «Индукция родов» Таджикистан, 2023, – С. 46.
4. Клинические рекомендации по ведению гипертензивных нарушений в акушерстве / У.Д. Узакова, Ф.М. Абдурахманов, Ф.М. Абдурахманова, М.Ё. Камилова, С.М. Мухамадиева, Е.Н. Нарзуллаева, М.Ф. Додхоева, Душанбе – 2015.
5. Carlos De Bonrostro Torralba et al., 2019; H. Mendez-Figueroa, et al., 2021.
6. Impact of new definitions of preeclampsia at term on identification of adverse maternal and perinatal outcomes / J. Lai, A. Syngelaki, K. H. Nicolaides [at all] // American journal of obstetrics and gynecology. – 2021. – Vol. 5 (224). – e.1–11.
7. Labor induction with prostaglandin E (1) versus E (2): a comparison of outcomes / H. Mendez-Figueroa, M. J. Bicocca, M. Gupta [at all] // Journal of perinatology: official journal of the California Perinatal Association. – 2021. – Vol. 4 (41). – P. 726–735.
8. Poon L.C. et al. 2021; Hypertension in pregnancy: diagnosis and management. London: National Institute for Health and Care Excellence (NICE); 2019.
9. World Health Organization. WHO recommendations: Induction of labour at or beyond term // WHO recommendations: Induction of labour at or beyond term. 2018.
10. WHO systematic analysis, 2023.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия
Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Dinoprostone in the Induction of Labor in Women with Late and Term Preeclampsia / М.Я. Камилова., Ф.Р. Ишан-Ходжаева., М Киёмидинзода. // Central Asian journal of medical and natural sciences. 2023. - № 4. – С. 107-114.

[2-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Методы индукции родов женщин с тяжелой преэклампсией (обзор литературы) / М.Я.Камилова, Б.К. Коимдодова, Ф.Р. Ишан-Ходжаева, М Киёмиддинзода. // Журнал: Вестник Авиценны. Душанбе - 2023. - №3. – С. 380-389.

[3-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Сравнение результатов различных методов досрочного родоразрешения женщин с тяжелыми преэклампсиями в сроки после 34 недель беременности / М Киёмиддинзода. //Наука и инновация. 2025. - № 1. – С. 73-83.

[4-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Акушерские исходы у женщин с реализацией осложнений преэклампсии в различные сроки / М.Я. Камилова., М Киёмиддинзода. // Мать и дитя. – 2025. - №1. – С. 9-17.

[5-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Перинатальные исходы у женщин с преэклампсией различного срока реализации / М Киёмиддинзода.// Мать и дитя. – 2025. - №2. – С. 5-12.

Мақолаҳо ва фишурдаҳо дар мачмӯаҳои маводҳои анҷуманҳо ва конфронсҳо

[6-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Использование простогландинов для индукции родов у женщин с тяжелой преэклампсией (обзор литературы) / З.М. Абдусамадзода, М Киёмиддинзода. // Журнал: Мать и Дитя. Душанбе. - 2023. - №1. – С. 5 – 11.

[7-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Клинико – социально – анамнестическая характеристики женщин с критической тяжелой преэклампсией / Г.К. Давлатзода, Ф.Р Ишан – Ходжаева, М Киёмиддинзода. // Журнал: Мать и Дитя. Душанбе - 2023. - №4. – С. 36 – 43.

[8-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Индукция родов женщин с преэклампсией поздних сроков / М Киёмиддинзода // Современные вызовы и стратегия развития медицинской науки и здравоохранения. Республиканская научно – практическая конференция ГОУ «ХГМУ» (IV – ая годичная). Душанбе 22.12. 2023г. С.64-65.

[9-М]. Мадинаи Киёмиддинзода. Частота тяжелых преэклампсией и осложнений тяжелых преэклампсий в стационаре 3-го уровня Таджикистана / М.Я. Камилова., М Киёмиддинзода, Ш.Ш. Амонова // Журнал: Мать и Дитя. Душанбе - 2024. - №1. – С. 16– 21.

Феҳристи ихтисораҳо:

АПЛД	Алоими паҳншудаи лахташавии дохилирагӣ
ВТ ва ҲИА	Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
ҶТ –	Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҲРХ –	Ҳадафҳои рушди устувор
ЗРХ –	Ҳадафҳои рушди ҳазорсола
КДН –	Кислотаи Дезоксирибонуклеинова
КОА	Комиссияи олии аттестатсионӣ

КИТ –	Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ
КРН –	Кислотаи Рибонуклеинова
НФКГ	Норасогии фаъолияти кори гурдаҳо
НФКҶ	Норасогии фаъолияти кори ҷигар
О.М. –	Осиёи Марказӣ
ПЭ.В. –	Преэклампсияи вазнин
ПЭ –	Преэклампсия
СММ –	Созмони Милали Муттаҳид
СР –	Саломатии репродуктивӣ
СДР –	Синдроми дистресси респираторӣ
ССИДБТ –	Синдроми сусткуниифобии дохилии батнни тифл
СҶТ –	Созмони ҷаҳонии тандурустӣ
ТЭЛА –	Тромбоэмболияи артерияҳои шуш
ТЁТХ –	Технологиҳои ёрирасони такророни ҳомиладорӣ
ФА –	Фавти модари
ФМА –	Фишори миёнаи артерия
ФР –	Федератсияи Россия
ПҶҲДХ –	Пурра чудошавии ҳамроҳакӣ дурустҷойгиршуда
ҶТБ	Ҷадвали тағйирёфтаи Бишоп
ASPRE –	Aspirin for Evidence-Based Preeclampsia Prevention (скрининги мултимаркерӣ ва табобати тасодуфии беморон бо аспирин барои пешгирии преэклампсия)
HELLP –	Ҳемолиз, афзоиши фаъолияти ферментҳои ҷигар, тромбоситопения
PlGF –	Placental Growth Factor (фактори афзоиши ҳамроҳак)
PAPP-A –	Pregnancy Associated Plasma Protein A (сафедаи плазмаи вобаста ба ҳомиладорӣ A)
NK-клеток –	Natural killer cells (ҳуҷайраҳои табиии кушанда)
SOGC –	Society of Obstetricians and Gynecologists of Canada (ҷамъияти акушерон ва гинекологҳои Канада)

АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Мадинаи Киёмиддинзода на тему: «Оптимизация методов родоразрешения женщин с тяжелыми преэклампсиями» на соискание учёной степени кандидата медицинских наук по специальности 14.01.01 – Акушерство и гинекология

Ключевые слова: тяжелые преэклампсии, акушерские и перинатальные исходы, индукция родов, аналог гландина Е2, эффективность, безопасность.

Цель исследования: Изучить акушерские и перинатальные исходы женщин в зависимости от срока и способа родоразрешения для оптимизации подходов индукции родов женщин с преэклампсией позднего и доношенного сроков.

Материал исследования: женщины с тяжелыми преэклампсиями различных сроков реализации осложнения.

Методы исследования: Клинико-лабораторно-инструментальное обследование, оценка шейки матки по модифицированной шкале Бишоп. Статистическая обработка полученных данных проведена с использованием параметрических и непараметрических методов статистики.

Полученные результаты и их новизна: Впервые представлены результаты дифференцированного анализа клинико-социально-анамнестических характеристик женщин в зависимости от сроков манифестации преэклампсии в условиях Таджикистана. Выявлено, что факторами, способствующими развитию тяжелых преэклампсий любых сроков реализации, являются низкий уровень образования, сельское место жительства, ограничение общения в социуме женщин домохозяек, первые роды, сочетания гинекологической патологии с экстрагенитальными заболеваниями в анамнезе

Установлена значимость относительного риска развития СЗРП у женщин с ранней преэклампсией. Выявлена выраженная обратная корреляцию между временем дебюта преэклампсии и частотой кесарева сечения. Обнаружены статистически значимые различия частоты акушерских кровотечений у женщин с ранней преэклампсией за счет увеличения частоты преждевременной отслойки нормально расположенной плаценты. Выявлено, что основной вклад в неблагоприятные перинатальные исходы вносят ранние преэклампсии. Доказана клиническая эффективность и безопасность применения динопростона для индукции родов у женщин с преэклампсией позднего и доношенного срока.

Рекомендации по использованию: Работа имеет практический выход для акушеров-гинекологов. Результаты проведенных исследований внедрены в работу родовспомогательных учреждений страны.

Область применения: акушерство.

АННОТАТСИЯ

Ба автореферати рисолаи Мадинаи Қиёмиддинзода дар мавзӯи: «Муносибатгардонии усулҳои таваллудкунонии занон бо преэклампсияи вазнин» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси - 14.01.01 – Момопизишкӣ ва бемориҳои занона

Важаҳои калидӣ: преэклампсияи вазнин, натиҷаҳои акушерӣ ва перинаталӣ, индуксияи валодат, аналоги галндин Е2, самаранокӣ, бехатарӣ.

Мақсади тадқиқот: Омӯзиши натиҷаҳои акушерӣ ва перинаталӣ дар занон вобаста ба мӯҳлат ва усули таваллуд барои оптимизатсияи равишҳои индуксияи таваллуд дар занони бо преэклампсияи давраи дер ва мӯҳлати расида.

Маводҳои тадқиқотӣ: занони гирифтори преэклампсияи вазнини марҳилаҳои гуногуни рушди оризахо.

Усулҳои тадқиқот. Муоинаи клиникӣ, лабораторӣ ва инструменталӣ, баҳодиҳии гардани бачадон бо истифода аз ҷадвали тағирёфтаи Бишоп. Коркарди омории маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои омории параметрӣ ва ғайрипараметрӣ анҷом дода шуд.

Натичаҳои ба даст овардашуда ва навигариҳои онҳо: Бори аввал натиҷаҳои таҳлили муқоисавии хусусиятҳои клиникӣ-иқтисодии занон вобаста ба мӯҳлатҳои пайдоиши преэклампсия дар шароити Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд. Муайян карда шуд, ки омилҳое, ки ба рушди преэклампсияи вазнини ҳар марҳила мТУСидат мекунанд, сатҳи пасти маълумот, иқомат дар деҳот, маҳдуд будани муошарати соҳибхоназан дар ҷомеъа, таваллуди аввал, омезиши патологияи гинекологӣ бо бемориҳои экстрагениталӣ дар анамнез мебошад.

Аҳамияти хавфи нисбии инкишофи ССИДБТ дар занони гирифтори преэклампсияи барвақт муайян карда шудааст. Байни вақти дебюти преэклампсия ва басомади ҷарроҳии буриши кайсарӣ таносуби баръакси баръало ошкор карда шуд. Тафовутҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим дар басомади хунравии акушерӣ дар занони гирифтори преэклампсияи барвақт аз сабаби зиёд шудани пеш аз муҳлат ҷудошавии ҳамроҳаки дуруст ҷойгиршуда мебошад. Муайян карда шуд, ки преэклампсияи барвақт ба оқибатҳои номТУСиди перинаталӣ саҳми асосӣ мегузорад. Самаранокии клиникӣ ва бехатарии динопростон барои индуксияи валодат дар занони гирифтори преэклампсияи дер ва преэклампсияи муҳлати расида исбот карда шудааст.

Тавсияҳо аз натиҷаҳои тадқиқот: Кор барои акушер - гинекологҳо аҳамияти амали дорад. Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда дар кори таваллудхонаҳои чумҳури ҷори карда шуданд.

Соҳаи истифода: акушерӣ.

ANNOTATION

To the abstract of the dissertation of Madinai Kiyomiddinzoda on the topic: "Optimization of delivery methods for women with severe preeclampsia" for the degree of candidate of medical sciences in specialty 14.01.01 - Obstetrics and Gynecology

Key words: severe preeclampsia, obstetric and perinatal outcomes, induction of labor, glandin E2 analogue, efficacy, safety.

Study objective: To study obstetric and perinatal outcomes of women depending on the term and method of delivery to optimize approaches to induction of labor in women with late and full-term preeclampsia.

Materials and research methodsmaterial methods: women with severe preeclampsia of various stages of complication development. Clinical, laboratory and instrumental examination, assessment of the cervix using the modified Bishop scale. Statistical processing of the obtained data was carried out using parametric and nonparametric statistical methods.

The results obtained and their novelty: For the first time, the results of a differentiated analysis of the clinical, social and anamnestic characteristics of women depending on the timing of the manifestation of preeclampsia in the conditions of Tajikistan are presented. It was revealed that the factors contributing to the development of severe preeclampsia of any implementation period are a low level of education, rural place of residence, limited communication in the society of housewives, first birth, combination of gynecological pathology with extragenital diseases in the anamnesis.

The significance of the relative risk of developing IUGR in women with early preeclampsia was established. A pronounced inverse correlation was found between the time of the onset of preeclampsia and the frequency of cesarean sections. Statistically significant differences in the frequency of obstetric hemorrhages in women with early preeclampsia were found due to an increase in the frequency of premature detachment of a normally located placenta. It was revealed that the main contribution to adverse perinatal outcomes is made by early preeclampsia. The clinical efficacy and safety of dinoprostone for induction of labor in women with late and full-term preeclampsia have been proven.

Recommendation for use: The work has practical implications for obstetricians and gynecologists. The results of the conducted research have been implemented in the work of maternity hospitals in the country.

Area for use: obstetrics.